**Андоз аз арзиши иловашуда**

Меъёри андоз аз арзиши иловашудаи дар банди 1) қисми 1 моддаи 264 Кодекси андоз муқарраршуда барои муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишаванда аз 1 январи соли 2024 то 31 декабри соли 2026 – 14 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 – 13 фоиз муқаррар карда мешавад.

Моддаи 264. Меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда ва тартиби ҳисоби он

1. Барои амалиётҳои андозбандишаванда ва воридоти андозбандишаванда меъёрҳои зерини андоз аз арзиши иловашуда муқаррар карда мешаванд:

1) **меъёри стандартӣ – 15 фоиз**; (қ. 4 м. 397 КА аз 1 январи соли 2024 то 31 декабри соли 2026 – **14 фоиз** ва аз 1 январи соли 2027 - **13 фоиз**)

2) **меъёри пасткардашуда**, ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда, нисбат ба иҷрои кори сохтмонӣ, хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ – **7 фоиз ва барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии таълимӣ ва фаъолияти оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда – 5 фоиз**;

3) **меъёри сифрӣ.**

2. Меъёри сифрӣ нисбат ба амалиётҳои андозбандишавандаи дар моддаи 254 КА муқарраршуда татбиқ карда мешавад. (Содироти мол, ба истиснои содироти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентратҳои сарватҳои табиӣ, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳу ранга ва металлҳои дигари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, сабикаҳои ченакӣ аз металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, молҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолшуда **бо меъёри сифрии** андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешаванд)

3. Дар ҳолати аз ҷониби супорандаи меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда анҷом додани воридоти андозбандишаванда, таҳвили минбаъдаи чунин моли воридшуда бо меъёри дар банди 1) қисми 1 ҳамин модда зикргардида андозбандӣ карда мешавад. Чунин андозсупоранда ҳуқуқ дорад маблағи ҳангоми воридот пардохтнамудаи андоз аз арзиши иловашударо мутобиқи моддаи 266 КА ба ҳисоб гирад.

4. Ҳангоми аз ҷониби супорандаи меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда ба моли дигар табдил додани моли воридотӣ андозбандии таҳвили минбаъдаи ҳиссаи моли табдилёфта мутаносибан ба вазни қиёсии

молҳои воридшуда дар ҳаҷми умумии харид бо меъёри стандартӣ ва ҳиссаи боқимондаи чунин мол (табдилёфта) бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ карда мешавад.

5. Супорандаи меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда уҳдадор аст, ки тибқи талаботи моддаи 91 КА баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро аз рӯи муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишаванда амалӣ намояд.

6. Муомилоти андозбандишаванда аз арзиши умумии амалиёти андозбандишаванда дар давраи ҳисоботӣ иборат мебошад.

7. Маблағи андоз аз арзиши иловашуда бо роҳи зарб кардани арзиши муомилоти андозбандишаванда ба меъёри дахлдор муайян карда мешавад.